**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Рустамзода Саодат Рустам дар мавзуи "Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ**

Бо густариши бархӯрди фарҳангҳо ва тезутунд шудани таъсирнамоиҳову таъсирпазириҳои ҳамдигарии забонҳо тарҷумаи дурусти истилоҳоти соҳавӣ аз масъалаҳои мубрами истилоҳшиносӣ ва аз самтҳои афзалиятноки забоншиносӣ ба ҳисоб меравад. Ин дар ҳолест, ки вобаста ба кадом самту соҳа тааллуқ доштани истилоҳ тафовут дар тарҷума ба назар мерасад. Чунончи, тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ аз тарҷумаи истилоҳоти илмҳои дақиқу табиӣ, аз нигоҳи печидагиву мушкилӣ, тафовут дорад. Дар тарҷумаи истилоҳоти илмҳои дақиқу табиӣ бархе маврид равишҳои тарҷумаи таҳтуллафзию калкавӣ таъсиргузор буда, таҳвилҳои муваффақонаеро пешниҳод мекунанд, дар ҳоле ки истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дорои хусусиятҳои таърихиву фарҳангӣ ва фалсафии як миллат буда, ба мисли тарҷумаи реалияҳои фарҳангӣ ва воҳидҳои фразеологӣ тарҷумонро ба мушкилоти ҳалталаби гуногун рӯбарӯ менамояд. Аз ин рӯ, баррасии тарҷумапазирӣ/ тарҷуманопазирӣ ва роҳҳои таҳвили истилоҳоти гуманитарии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ва баръакс аз масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва тарҷумашиносии тоҷик ба шумор меравад.

Ҳарчанд дар забоншиносии тоҷик дар робита ба таърихи тарҷума, истилоҳотофариниву истилоҳгузинӣ ва муқоисаи истилоҳот байни забонҳои хешу бегона таҳқиқоти зиёде анҷом шуда бошад ҳам, вале масоили назарии бисёре вобаста ба тарҷумашиносӣ ниёз ба омӯзишу баррасӣ дорад. Метавон гуфт, ки довталаби дараҷаи илмӣ С.Р. Рустамзода бо пешниҳоди ин таҳқиқи фарогир бисёре аз масъалаҳои ҳалталаби тарҷумашиносии тоҷикро баррасӣ кардааст. Таҳқиқи С.Р. Рустамзода танҳо бо нишон додани методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ байни забонҳои мавриди назар

маҳдуд нагашта, балки маълумоти зиёдеро барои муҳаққиқон ва ҳаводорони масоили забониву тарҷумонӣ пешниҳод менамояд. Чи тавре худи муаллиф ишора кардааст: "Пажуҳиш имкон фароҳам меорад, то мутахассисони тарҷумашинос ва истилоҳшинос аз давраҳои ташаккул ва тағйирёбии истилоҳоти мавриди тарҷума бохабар бошанд, зеро дар таҳқиқи мазкур тамоми марҳилаҳои истилоҳшавӣ, ҳазфи истилоҳ ва таҷдиди истилоҳ таҳлилу баррасӣ гардидаанд" [Автореферат, с.3].

Нуктаи ҷолиб дар таҳқиқ он аст, ки дар он ба истилоҳ на ҳамчун як падидаи шахшуда, балки ҳамчун як воҳиди тағйирпазири хусусияти чандирӣ дошта муносибат шудааст. Чунончи, таъбирҳои истилоҳгуна, истилоҳшавӣ, ҳазфи истилоҳ ва таҷдид/азнавофарии истилоҳ ҳамин нуктаро таъйид менамоянд, ки истилоҳ якуякбора ба майдон наомада, балки бо гузаштан аз марҳилаҳои гуногун хусусияти истилоҳӣ пайдо мекунад, дар ҳоле ки метавонад дар идома ҳамгуни сарнавишти калимаҳоро дошта бошад: аз хотираҳо зудуда шуда, танҳо маънои архаистӣ пайдо кунад ва ё барои мувофиқат ба марҳилаи нав таҷдид карда шавад.

Аз муваффақиятҳои таҳқиқ он аст, ки метавонад барои тарҷумонон, хусусан, нафароне, ки тоза ба пайраҳаи тарҷумонӣ қадам гузоштаанд, ҳамчун роҳнамо истифода шавад.

Автореферати мазкур бо риояи қонунҳои имлоӣ ва морфологию синтаксисии забонӣ тоҷикӣ, бо услуби илмӣ навишта шудааст. Вале довталаби дараҷаи илмӣ агар нуктаҳои зерро риоя мекард, ҳусни кор бештар мешуд:

1) Диссертатсия ба масъалаи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ бахшида шудааст, аз ин рӯ, агар довталаби дараҷаи илмӣ барои истилоҳоти тарҷумашиносӣ, аз қабили истилоҳоти дефинитивӣ, денотативӣ [Автореферат, с.28], транскрипсия / транслитератсия ва транспозитсия [Автореферат, с.42] дар забони тоҷикӣ муодилёбӣ/муодилсозӣ мекард;

2) Беҳтар мебуд, довталаби дараҷаи илмӣ мисолҳои ҳар фасли диссертатсияро бевосита аз сарчашмаҳои таҳқиқ меовард.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Рустамзода Саодат Рустам дар мавзуи “Методологияи тарҷумаи истилоҳоти илмҳои гуманитарӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ мебошад.

Муқарриз: Доктори илми филология, профессор,
муовини раиси Кумитаи забон ва
истилоҳоти назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Баротзода Файзиддин Камолиддин

Нишонӣ: 734036, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Сино
кучаи Ғафуров 3, ҳуҷ. 46
Тел.: + 992 934555066
Email: fedya_b1984@mail.ru
«3» 09 соли 2026

Имзои Баротзода Файзиддинро
тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи ҳуқуқ, кадрҳо ва корҳои
махсуси Кумитаи забон ва
истилоҳоти назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафарзода Эраҷ

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Шоҳмансур
кучаи Беҳзод 25
Тел.: + 992 552720990
Email: safarov.eradzh@bk.ru
«3» 09 соли 2026